Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-079-и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовиддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33).

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Исроилов Исмоил Исроилович дар мавзуи «Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод шудааст.

Дар шароити вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир масъалаи таҳлилу таҳқиқи нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ муҳимтарин масъалаи ҳаётӣ барои ҳар як давлат баҳисоб меравад. Ҳифзи сарҳади давлатӣ ва дурнамои фаъолияти он дар муҳити бархурдҳои нави геополитикӣ нишон медиҳад, ки ҳифзи марзу бум яке аз вазифаҳои муқаддастарини давлату ҳукумат ва аҳли ҷомеаи шаҳрванди баҳисоб меравад. Аз ин хотир фаъолияти дастаҷамъонаи ниҳодҳои сарҳадӣ такя бо ҷомеаи шаҳрвандӣ кафолати таъмини амнияти миллӣ баҳисоб меравад.

Масъалаи ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ва таъмини амнияти миллӣ дар шароити муосир ҳамчун омили ҳаётан муҳимми инкишофи ҳаёт, рушду устувори давлат ва мавҷудияти бақои давлат арзёбӣ мегардад, ки дар чунин шакл масъала бори аввал сурат гирифтааст. Таъмини ҳифзи сарҳади давлатӣ ва таъмини амнияти миллӣ бояд, ки ҳамчун ормони ҳаётан муҳимми миллӣ ва байналмилалӣ эътироф гардад. Рушд ва бақои ҳастии инсон, ҷомеа ва давлат аз он вобаста аст, аз ин хотир имрӯз зарурати он омадааст, ки таъмини ҳифзи сарҳади давлатӣ ва таъмини амнияти миллӣ аз нигоҳи геополитикӣ мавриди

таҳлилу таҳқиқи қарор мегирад. Хусусан дар шароити вусъат пайдо намудани тамоюлҳои нави геополитикӣ ҳифзи таъмини амнияти миллӣ дар меҳвари сиёсати дохили ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтааст.

Бояд қайд намуд, ки диссертант тавонистааст, ки навгониҳои илмии таҳқиқотро дуруст муайян намудааст. Автореферати диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисматҳои асосии таҳқиқот, хулоса, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи интишороти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, руйхати адабиёт ва аннотатсия иборат аст.

Дар таҳқиқоти мазкур баъзе мафҳумҳо ба таври нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо ба сифати навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд ва саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Дар баробари комёбиҳои дар боло зикргардида автореферати рисолаи илмӣ аз норасогиҳо холӣ нест, ки онҳоро метавон ба таври зайл нишон дод:

- дар автореферати диссертатсия нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ мавриди таҳқиқи қарор гирифтааст, хуб мешуд, ки бештар типалогияи таҳдидҳои замони муосир ба сарҳади давлатӣ ва амнияти миллӣ мавриди истифодаи васеъ қарор мегирифт.

- муаллифи автореферати диссертатсия дар боран ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ хуб андешарони намудааст, аммо хуб мешуд, ки он таҳдиду хатарҳое, ки ба устувории Тоҷикистон халал мерасонад, хусусиятҳои асосии он нишон дода мешуд.

Автореферати диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, баъзе камбудиҳои ҷузъии ҷойдошта арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Хулоса, кори диссертатсионии Исроилов Исмоил Исроилович дар мавзуи «Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини

амнияти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Муқарриз:
Мудири кафедраи сиёсатшиносӣ
ва робита бо ҷомеаи Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади
илмҳои сиёсӣ,дотсент Музафарзода Ф.

Имзои Музафарзода Ф. – ро тасдиқ менамоям:
сардори раёсати кадрҳо, коргузори ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.Н.

РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРИ ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроғаи муассисаи пешбар:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Исмоили
Сомонӣ, куч. Саид Носир 33
www:apa.tj

25.09.2025.